**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025 - 35 саҳ.).**

Дар шароити муосир, яке аз ҷиноятҳои хатарноке, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатҳо таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба ҳисоб меравaнд. Аз ин ҷост, ки ҷиноятҳои мазкур ба яке аз хатарҳои ҷиддӣ барои амнияти миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Дар чунин шароит, таҳқиқи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Экстремизм – ҳамчун падидаи номатлуби ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки дар он экстремистон дар асоси ақида ва эътиқоди умумии сиёсӣ, идеологӣ, миллатгароӣ, динӣ, нажодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳо муттаҳид шуда, амалҳои ғайриқонунӣ бо ангезаҳои ифротгароӣ содир мекунанд, ки мақсад аз он ба таври зӯроварӣ паҳн кардани чунин ақидаҳо ва решакан кардани ақидаҳое, ки аз ақидаҳои тарафдори онҳо фарқ доранд, ифода мегардад. Аз ин рӯ, ки таъмини ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ба зарурат табдил ёфта, мубрамияти он дар шароити муосир беш аз пеш эҳсос мегардад.

Новобаста аз ин, бисёре аз ҷанбаҳои илмию амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқикоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Каримзода М.М. ба паҳлуҳои норавшани масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Диссертатсияи Каримзода М.М. фарогири феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Пажуҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишвар таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки «қонунгузории миллии давлатҳои ИДМ дар самти муқовимат ба экстремизм дар маҷмуъ ба таври кофӣ мукаммал нест, равишҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолият оид ба муқовимат ба экстремизмро дар бар мегирад ва бо асноди бунёдии байналмилалӣ ба таври кофӣ мутобиқ карда нашудааст. Новобаста аз мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба мубориза бо экстремизм равона шудаанд, мухтавои онҳо на ҳамеша ба таҳдидҳо ва чолишҳои замони муосир ҷавобгӯ буда, инчунин бо санадҳои муҳими байналмилалӣ мувофиқати кофӣ надоранд. Аз ҷумла, дар амалияи татбиқи қонунгузорӣ холигиҳо, номувофиқати як қатор меъёрҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва фарқиятҳо дар таърифи мафҳумҳо ва механизмҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм мушоҳида мегардад» (саҳ. 21).

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳмгузор бошанд. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 17 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем, муаллиф объекти бевоситаи м. 3071 –ро васеъ тафсирнамуда онро чунин навиштааст: “объекти бевоситаи ҷиноятҳое, ки дар шакли даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм зоҳир мегарданд, муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор мераванд, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз гардида, амнияти миллӣ, қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти устувор ва бемонеаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин асосҳои сохти конститутсиониро таъмин мекунанд”. Хуб мешуд он мухтаар баён карда мешуд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Гайратов Т.М.

Имзои Гайратов Т.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.
«16» август 2025сол